*Шарҳи рӯзнома*

# Ҳамоҳанги замон мегардад

Қаъри замини Ӯзбекистон аз канданиҳои фоиданок бой аст. Вале он маънои онро надорад, ки онҳо бебаркаш истифода бурда шаванд. Бо назардошти ана ҳамин талаб Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи боигариҳои қаъри замин» 23 сентябри соли 1994 қабул гардида буд. Ва ин қонун то ҳоли ҳозир хизмати калоне кард. Вале баробари тағйир ёфтани замон бисёр меъёрҳои қонуни мазкур кӯҳна гардида, ба раванди ислоҳот дар мамлакатамон мутобиқат намекарданд. Агар мушаххасан ҳарф занем, ин меъёрҳо возеҳу аниқ истифода бурдан ва ҳифзи конҳои канданиҳои фоиданоки саноатӣ, кӯлҳои намакдор, мӯҳлати аниқи истифодаи онҳоро пурра танзим намегардонанд, дар он тартиби чӣ тавр пешкаш кардани ин канданиҳои фоиданок, намудҳои канданиҳои фоиданок, ки онро дар асоси рухсатнома азхуд кардан мумкин аст, дар бар намегиранд. Дар айни замон нуктаҳои мушаххасро дар бобати ошкор кардан, омӯхтан ва додани мақоми дахлдор ба обектҳои геологӣ, ки дорои аҳамияти илмиву таърихӣ, фарҳангӣ, эстетикӣ ва ғайра буданд, надоштанд.

Баробари ин баъзе нуктаҳои ин қонун ба Кодекси Замин ва Кодекси шаҳрвандӣ, қонунҳо «Дар бораи ташхиси экологӣ», «Дар бораи созишнома оиди тақсими маҳсулот», «Дар бораи партовҳо» мувофиқат намекарданд. Баробари ин аз 50 моддаи мавҷудаи қонуни мазкур 28-тоаш тағйир дода, 6-тоаш умуман ба талаб ҷавобгӯ набуданд. Аз ҳамин сабаб зарурати таҳияи қонун ба таҳрири нав ба миён омад ва Кумитаи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои ҳифзи табиат ва муҳити атроф якҷоя бо Кумитаи Олий Маҷлис оид ба саноат, нақлиёт, сохтмон ва алоқа лоиҳаи нави қонунро таҳия намуда, ба муҳокимаи вакилони халқи Олий Маҷлис дар иҷлосияи нӯҳуми парлумон даъвати дуюм пешкаш карданд. Лоиҳаи қонун ҳаматарафа муҳокима гардида, дар қироати аввал маъқул дониста шуд ва қарор доданд, ки онро ба муҳокимаи умумихалқӣ пешкаш кунанд.

Ва инак, лоиҳаи Қонун «Дар бораи боигариҳои қаъри замин» дар рӯзномаҳои «Халқ сӯзи»—«Народное слово» 12 октябри соли ҷорӣ ба мақсади муҳокимаи умумихалқӣ чоп гардидааст.

Лоиҳаи қонун аз панҷ боб ва 49 модда иборат аст. Дар он намуд ва мӯҳлати истифода бурдани боигариҳои қаъри замин, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои истифодабарандагони боигариҳои қаъри замин муайян гардида, талабҳои асосӣ оиди оқилона истифода бурдану ҳифзи боигариҳо, асосҳои боздоштану маҳдуд сохтан ва қатъ гардондани ҳуқуқи истифодаи қитъаҳои қаъри замин муқаррар гардидаанд. Мақомоте мушаххас номбар гардидааст, ки назорати давлатиро аз болои тадқиқотҳои геологӣ, истифодаву ҳифзи боигариҳои қаъри замин амалӣ мегардонад. Дар лоиҳаи як нукта алоҳида зикр гардидааст, ки он алоқамандӣ пулакӣ истифода бурдани боигариҳои қаъри замин, аз ҷиҳати моддӣ рағбатноксозии кушоиши конҳои канданиҳои фоиданок мебошад. Дар он ҳамчунин асосҳои умумии ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва экологии оқилона, маҷмӯъгӣ истифода бурдани боигариҳои қаъри замин номбар гардидаанд.

Дар он таъкид гардидааст, ки истихроҷи канданиҳои фоиданок ва истифодаи воҳидҳои техногении маъданҳои қаъри замин дар пойгоҳи асосҳои мӯҳлатноки боварибахши техникиву иқтисодии дарёфти кон ва ё истифодаи воҳидҳои маъданҳои техногеннӣ амалӣ гардонда мешавад, ки барои ҷалб сохтани сармояҳои хориҷӣ дар бобати азхудкунии конҳо, пурра дарёфти захираҳои канданиҳои фоиданок мусоидат мекунад. Баробари пешкаш кардани қитъаҳои конҳо ба мақсади тадқиқи геологӣ, ки аз ҳисоби маблағи Буҷаи давлатӣ амалӣ гардонда мешавад, ҳамчунин ин қитъаҳо барои тадқиқи геологӣ бо таваккалкории тадбиргарӣ ҳам дода мешавад, ки асоси онро рухсатнома барои ҳуқуқи истифодаи қитъаи кон ташкил медиҳад.

Дар қонуни нав бори аввал мақоми ҳуқуқии «ғарамҳои кӯҳӣ» номбар гардидааст. Намудҳои истифодабарии конҳои қаъри замин муайян гардидаанд, ки мувофиқи рухсатномаи дахлдор ба ҳуқиқи истифодабарии конҳои қаъри замин ана ҳамин «ғарамҳои кӯҳӣ» пешкаш мегардад. Моддаи наве ки ҷойгир шудааст, ки меъёри имконияти тағйир додани шарту шароитеро, ки дар рухсатномаи ҳуқуқӣ истифодабарии қитъаи кони қаъри замин барои истихроҷи канданиҳои фоиданок дар бар гирифтааст, номбар кардааст. Ва он дар навбати барои ошкор гардидани боигарии иловагии саноатии кони тадқиқгардида истифода бурда мешавад.

Дар лоиҳаи қонун мақсадҳо ва вазифаҳои ин ҳуҷҷати муҳим, ваколатҳои Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва мақомоти ҳокимияту идораи давлатӣ дар маҳалҳо дар соҳаи танзими муносибатҳое, ки ҳангоми ихтиёрдорӣ, истифодабарии боигариҳои қаъри замин сар мезананд, муайян гардидаанд. Ва мақсад аз қонун пешгирӣ кардани ғайриоқилона ва бебаркаш истифода бурдани боигариҳои қаъри замин мебошад.

**Муштариёни азиз, таклифу мулоҳизаҳои хешро ба унвони зерин ирсол кунед: ба кумитаҳои Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои муҳити атроф ва ҳифзи табиат, оид ба масъалаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт ва алоқа. 700035, шаҳри Тошканд. Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.**

**Телефонҳо:**
**1398074, 1398587, 1398291, 1398701, 1398321, 1398550, 1398573.**

*Ба пешвози даҳсолагии Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон*

# Маҳсули хирадмандии сиёсӣ ва тафаккури мардум

**Акнун ба таҳлили фасли якуми Конститутсия, ки аз чор бобу ҳабдаҳ модда иборат аст, шурӯъ мекунем. Бобҳо, ки «Мустақилияти давлатӣ», «Ҳокимияти халқӣ», «Мақоми Конститутсия ва қонун», «Сиёсати берунӣ» номгузорӣ шудаанд, Ӯзбекистон чӣ гуна давлат буданашро нишон медиҳанд. Ва онро усулиятҳои асосие бори дигар собит мекунад, ки дар 17 моддаи Конститутсия номбар гардидаанд.**

## III. Усулиятҳои асосӣ

**Дар моддаи якуми Конститутсия иншо гардидааст: «Ӯзбекистон Ҷумҳурияти мустақили демократист. Номҳои давлат «Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» ва «Ӯзбекистон» маънои муштарак доранд». Ва он ҳамин маъниро ифода мекунад, ки мо бо роҳи тараққиёти мустақилона тавассути усулиятҳои демократӣ қадам мепартоем.**

Дар моддаи дуюм бошад, чӣ гуна будани давлатамон ин тавр тавсиф гардидааст: **«Давлат иродаи халқро ифода месозад, ба манфиатҳои он хизмат мекунад. Мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар назди ҷамъият ва шаҳрвандон ҷавобгар мебошанд».** Ва сатрҳои мазкур қисми худонопазиру шарти узвии демократия буда, сараввал аз ҳама чиз воло истодани манфиати халқро ифода месозад.

Ҳоҷати пинҳон кардан нест. Дар мамлакатамон, ҳаёти шахсамон манфиатҳои мухталиф ба ҳам юбархӯрданашон ин як ҳолати муқаррарист. Чунки демократия, серфикрӣ онро тақозо дорад. Дар чунин ҳолатҳо масъала чӣ тавр ҳаллу фасл мегардад? Ё худ баъзе шахсони мансабдор аз вазифаи худ сӯиистеъмол намуданду нодуруст будани онро чӣ тавр исбот кардан мумкин мегардад?

Ҷавоби ин саволҳо ба осонӣ ба даст намеояд ва сараввал мебояд ба Қонуни Асосӣ муроҷиат намоем. Агар онро хуб донем, ба ягон монеа рӯ ба рӯ намегардем. Агар надонем, дар он сурат гумроҳ шуданамон ҳам муқаррар аст.

Агар моддаҳои минбаъдаи ҳамин боби Конститутсияро мутолиа кунем, дар он сурат медонем, ки Ҷумҳурияти Ӯзбекистон сохти милливу давлатӣ ва маъмуриву қаламравӣ, мақом, ҳокимияту идораи давлатиро муайян мекунад, сиёсати дохилӣ ва берунии худро мустақилона мегузаронад. Сарҳади давлат ва қаламрави Ӯзбекистон дахлнопазир ва тақсимнопазир мебошанд. Забони давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон забони ӯзбекӣ мебошад. Ҷумҳурияти Ӯзбекистон муносибати боэҳтиромонаро ба забонҳо, расму оинҳо ва анъанаҳои миллату халқиятҳо сокинони қаламрави он, ба вуҷуд овардани шароитҳоро барои тараққиёти онҳо таъмин менамояд. Соҳиби рамзҳои давлатии худ—байрақ, нишон, суруди миллӣ аст, ки бо қонун тасдиқ карда мешаванд. Пойтахти Ӯзбекистон шаҳри Тошканд мебошад. Ва ҳамаи он тасдиқи усулиятҳост, ки саросари ҷаҳон онҳоро эътироф намудааст.

Боби дуюми фасли якуми Конститутсия «Ҳокимияти халқӣ» ғояи дар моддаи дуюм баёнгардидаро тақвият мебахшад. Ва онро сараввал дар моддаи ҳафтум мебинем, ки ин тавр баён гардидааст: **«Халқ ягона манбаи ҳокимияти давлатӣ мебошад».** Хӯш, ин нукта бо кадом тарз ба рӯи об баровард мешавад?

Дар он Конститутсия чунин сатрҳо иншо гардидааст: **«Ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба манфиатҳои халқ ва комилан аз тарафи сохторҳое, ки барои ин Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ваколатдор намудааст, ва қонунҳое, ки дар асоси он қабул карда шудаанд, ба амал бароварда мешавад».** Эътибор диҳед: ба идораҳо қонунҳо ваколат медиҳанд, қонунҳо бошанд, дар асоси Конститутсия қабул мегарданд.

Вақте ки мо халқи Ӯзбекистон мегӯем, чиро дар назар дорем? Онҳо оё магар танҳо ба миллати ӯзбек мансубанд? Дар ин бора низ моддаи 8 Қонуни Асосӣ маълумоти пурраву раднашаванда медиҳад: **«Халқи Ӯзбекистонро шаҳрвандони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон сарфи назар аз мансубият ба миллат таркиб медиҳанд».** Ва ин сатр пеш аз ҳама дасткушоду саховатқалб, аҳл будани мардумеро нишон медиҳад, ки дар мамлакатамон зиндагонӣ мекунанд. Ва амалияи ҷаҳонӣ, таърихи дурударозамон нишон медиҳад: халқе, ки ба чунин усулиятҳо сахт итоат мекунад, ба сохтани давлати пурқуввату бузург қодиру қобил мебошад.

Дар мамлакате, ки масъалаҳои муҳим ба роҳи раъйпурсӣ (овоздиҳии умумӣ) ҳаллу фасл мегардад, албатта, сулҳу осоиш ва муътадилӣ таъмин карда мешавад ва инро моддаи нӯҳуми Қонуни Асосӣ ҳам возеҳу равшан баён кардааст.

Халқ манбаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ дар Ӯзбекистон мебошад. Ана ҳамин халқ ба мақомоти қонунбарору иҷроия — Олий Маҷлис ва Президент ваколати худро дар бобати аз номи вай кор пеш бурдан медиҳад. Яъне моддаи даҳум: **«Аз номи халқи Ӯзбекистон фақат Олий Маҷлис ва Президенти ҷумҳурият, ки он интихоб кардааст, баромад карда метавонад. Ягон қисми ҷамъият, ҳизби сиёсӣ, иттиҳодия, ҷунбиши ҷамъиятӣ ё шахси ҷудогона аз номи халқи Ӯзбекистон баромад карда наметавонанд»** аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки ваколати аз тарафи халқ пешниҳодгардида ваколати аз ҳама олӣ ба ҳисоб меравад. Пас ҳамин тавр бошад, аз тарафи ҳар як шаҳрванд бе каму кос ба иҷро расондани фармону амр, қонуну қарорҳои Президент ва Олий Маҷлис ҳам қарзу ҳам фарз аст. Ва онро ҳамагон бояд донанду қатъан риоя кунанд. Агар ҳамин тавр накунанд онҳоро ба ҷумлаи шахсоне шомил гардондан мумкин аст, ки ба тақдири Ватан бефарқанду талабҳои Қонуни Асосиро хуб намедонад.

Яке аз усулияти муҳими демократия ин зинаҳои ҳокимият ва тақсим кардани он дар байни рукнҳои ҳокимият ба ҳисоб меравад. Дар ин хусус дар моддаи 11 Қонуни Асосӣ фаҳмову аниқ ин тавр зикр шудааст: **«Низоми ҳокимияти давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз рӯи усулияти ба сохтори қонунбарор, иҷроия ва судӣ тақсим намудан асос мекунад».**

Ва аз ин модда ҳаминро пай бурдан душвор нест: ҳар яки мо тавассути он натанҳо идоракунии давлат, балки фаъолияти муассисотеро ҳам фаҳмида мегирем, ки ба кадом тартиб ҷойгир шудаанду бо чӣ машғул мешаванд. Ва одамон баъди дарки он фаҳмида мегиранд, дар кадом ҳолат ба яке аз ин се ҳокимият муроҷиат кардан мумкин аст.

Мо дар боло таъкид кардем, ки халқи мо дар назди худ вазифаи ба бунёд овардани давлати инсонпарваронаи демократии ҳуқуқбунёдро гузоштааст. Ва дар модаи 13 он васеъ маънидод гардидааст ва чунин баён шудааст: **«Демократия дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба усулиятҳои умумиинсонӣ асос мекунад, ки мувофиқи онҳо сарвати олитарин-инсон, ҳаёт, озодӣ, шаъну шараф ва дигар ҳуқуқҳои ҷудонашавандаи он мебошад».**

Ва дар сатрҳои мазкур мо пеш аз ҳама мероси падару бобоёнамонро, ки имону диёнатро шиори қалб қарор додаанд, ғамхории давлатро нисбати ҳаёти фаровони инсон мушоҳида мекунем. Ва агар шахс мазмуну моҳияти ин сатрҳоро аз таҳти дил эҳсос кунад, дар он сурат вай бешак ба тамоми вуҷуд, ҳастӣ, иқтидор ва қобилият ба Ватани азиз хизмат мекунад. Дар мамлакате, ки инсон арзиши аз ҳама воло эълон гардидааст, вайронгарӣ не, балки бунёдкорӣ ҳукм меронад, ғояи бунёдкорӣ тамоми соҳаҳоро фаро мегирад.

Ба сатрҳои моддаи 14-уми Конститутсия диққат кунед: «Давлат фаъолияти худро мувофиқи усулиятҳои адолати иҷтимоӣ ва қонуният баҳри манфиатҳои некӯаҳволии инсон ва ҷамъият барпо менамояд». Ва ин сатрҳоро мутолиа карда, чунин хулоса бардоштан мумкин аст: шахсони мансабдоре, ки дар курсии кудрат нишастаанд, набояд инро фаромӯш кунанд. Мабодо фаромӯш кунанд, дар он сурат ҳар яки мо онро аз онҳо талаб кунем. Бо ҳамин тарозуи адолат халалдор намегардад.

Дар мамлакати мо ҷаро аз тарафи мақомоти қонунбарор, иҷроия ва судӣ бисёр қонуну қарорҳо қабул карда мешаванд? Табиист ки барои иҷро. Аз ин рӯ шиорҳои «фармон ва иҷро», «Қарор ва иҷро», «қонун ва иҷро» дар ҳаёти рӯзмарраамон мақоми муҳим ишғол намудаанд.

Акнун саволи ҳаққонӣ ба миён меояд: барои иҷрои онҳо дар мамлакатамон магар кафолатгар ҳаст? Албатта, ҳаст. Ва он дар боби сеюми Қонуни Асосӣ ифодаи худро ёфтааст, ки «Мақоми олии Конститутсия ва қонун» ном дорад. Дар моддаи 15-уми боби мазкур мутолиа мекунем: **«Дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон бечуну чаро мақоми олӣ доштани Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон эътироф карда мешавад. Давлат, мақомоти он, шахсони мансабдор, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, шаҳрвандон мувофиқи Конститутсия ва қонунҳо амал мекунанд».** Яъне баробари мутолиа кардани ин сатрҳо шиори мазкур ба хотир меояд «ҳукм қатъӣ, ба шикоят ҷой нест». Ва яке аз талаби муҳими давлати демократии ҳуқуқбунёд ҳамин аст. Зеро Конститутсия дар ҳамон давлат кафолатгари асосии ҳуқуқҳои инсон мегардад.

Ҳаёт пастиву баландиҳо дорад ва дар ҳар гуна ҳодисаҳову воқеаҳо рух доданаш як ҳолати муқаррарист. Масалан, агар касе қадами беҷо гузорад, дар назди қонунҳои ҷамъиятӣ ҷавоб медиҳад. Ва ин масъулият сараввал нисбати Конститутсия бояд зоҳир гардад. Агар касе, нуктаҳои Конститутсияро баҳри манфиати худ истифода бурданӣ шуда, ҳуқуқи дигаронро поймол кунад, дар он сурат ба он моддаи 16-уми Қонуни Асосӣ монеъа мегардад. Дар он чунин баён гардидааст: **«Ягон қоидаи Конститутсияи мазкурро бар зарари ҳуқуқҳо ва манфиатҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон маънидод кардан мумкин нест. Ягон қонун, ё дигар ҳуҷҷати меъёриву ҳуқуқӣ ба меъёрҳо ва усулиятҳои Конститутсия муқобил гузошта шуда наметвонад».** Яъне тавассути ана ҳамин модда манфиатҳои қонунӣ ва ҳуқуқии ҳар як шаҳрванд ҳифз карда мешавад.

Боби охирини ҷоруми фасли якум «Сиёсати берунӣ» ном дорад. Дар он иншо гардидааст, ки Ӯзбекистон субекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналхалқӣ мебошад. Ва давлати мо таҳти сарпарастии Президенти худ ба ягон чиз даъво нагардида, аз паи сулҳу осоиш аст ва пурра ба нуктаҳои ана ҳамин модда риоя мекунад. Зеро сиёсати берунии Ӯзбекистон пеш аз ҳама ба усулиятҳои баробарҳуқуқии соҳибихтиёрии давлатҳо, ба кор набурдани қувва, ё таҳдид кардан бо зӯрӣ, вайроннопазирии сарҳадҳо, ба таври осоишта ҳал намудани баҳсҳо, дахолат накардан ба корҳои дигар давлатҳо ва дигар усулияту қоидаҳои аз тарафи умум эътироф кардашуда ҳуқуқи байналхалқӣ асос мекунад. Ва он на танҳо ба шаҳрвандони Ӯзбекистон, балки хориҷиён ҳам маълумоти муфассалро дар ин бобат медиҳад, ки «Ӯзбекистон чӣ гуна давлат аст?». Гувоҳӣ медиҳад, ки сулҳу осоиш ва муътадилӣ барои мамлакати мо неъмати аз ҳама бебаҳо ба ҳисоб меравад.

Ва дар хотима гуфтан мумкин аст, ки комёбиҳои мамлакатамон дар сиёсати беруна пеш аз ҳама дар барқарор будани усулиятҳои асосии Қонуни Асосисамон мебошад.

**Т.ЭҲСОН.**

*Обуна–2003*

# Дастгирӣ мекунем

Мактаби нӯҳсолаи ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ягона таълимгоҳи тоҷикӣ дар ноҳияи Намангон мебошад. Дар маскани мазкури таълим беш аз 460 нафар фарзандони деҳаи Шамсикӯл таълиму тарбия мегиранд. Ба онҳо 29 нафар омӯзгор сабақ меомӯзанд. Муаммои китобҳои дарсӣ дар синфҳои 1-5 пурра ҳал гардида бошад ҳам, норасоии он дар синфҳои болоӣ ҳоло ҳам дар тартиби рӯз истодааст. Ба ҳамин нигоҳ накарда омӯзгорони соҳибтаҷрибаамон аз китобҳои дарсии ӯзбекӣ маводи лозимиро тарҷума карда, ба шогирдон сабақ меомӯзанд.

Соли хониши 2002-2003-ро бо тайёрии ҳамаҷониба пешвоз гирифтем. Пеш аз ҳама бинои мактабамон, ки солҳои охир хеле фарсуда гашта буд, ҳаматарафа таъмир гардида, намуду қиёфаи тозаеро гирифт. Тамоми дохили синфхонаҳо бо усули нави меъморӣ ороиш ёфта, бо асбобҳои аёнии нав ҷиҳозонида шуд. Дар ташкили таъмири мактабамон ёрии амалии прокурори ноҳия Инъомхон Камолов хеле калон аст. Барои корҳои таъмир беш аз 4 миллион сӯм харҷ гардид, ки 960 ҳазор сӯми онро бевосита волидони хонандагон, 430 ҳазор сӯмашро ҳомии доимиамон—хоҷагии ширкатии ба номи Охунбобоев ҷамъ оварда, саҳмгузорӣ карданд. Сардори хоҷагии фермерии ба номи Абдухалил Қодиров, собиқ хонандаи мактабамон Сайфулло Қодиров бо 150 ҳазор сӯм, шӯъбаи маорифи халқи ноҳия (мудираш Тоҳирҷон Ҳасанов) бо ашёҳои таълим ва васоити техникӣ, ки арзиши умумиаш 1,5 миллион сӯм аст, хоҷагии фермерии «Ҷӯрабек» бо 20 ҳазор сӯм маблағ ба таъмиру азнавсозии мактаб саҳмгузорӣ намуданд.

Тавассути рӯзномаи дӯстдоштаамон «Овози тоҷик» барои кӯмаки беғаразонаи ҳомиёни зикршуда миннатдории аҳли деҳаамонро изҳор мекунам.

Омӯзгорону сокинони деҳаи Шамсикӯл ҳар як шумораи «Овози тоҷик»-ро бо диққат мутолиа мекунанд. Зеро барои мо—тоҷикони Шамсикӯл «Овози тоҷик» ягона нашрияи тоҷикист, ки дастрас аст. Аз ин ҷост, ки ҳар як шумораи онро бесаброна интизор мешавем.

Мақолаи шумораи 12-уми октябр бо унвони «Рӯзномаи худро фаромӯш накунед»-ро бо аҳли омӯзгорони мактабамон бо диққат хонда хеле мутаассир гаштем. Баъди қироати мақола аксарияти омӯзгорон ва сокинони деҳа қарор карданд, ки ба «Овози тоҷик» обуна мешаванд.

Бо боварии комил метавон гуфт, ки обунаро муташаккилона гузаронида, рӯзномаамонро дастгирӣ менамоем.

**Абдулаҳад ҚУРБОНОВ,**
**директори мактаби нӯҳсолаи рақами 10 ба номи А.Лоҳутии ноҳияи Намангон, вилояти Намангон.**



## Дар ғами зимистон

Аҳли меҳнати корхонаи иттиҳодияи истеҳсолии «Иссиқлик манбаи»-и вилояти Самарқанд имрӯзҳо баҳри он ки мавсими зимистонро бо комёбиҳои ба худ хос пешвоз гиранд, суботкорона меҳнат мекунанд.

Онҳо ҳар як сӯм маблағи аз буҷа ҷудо кардашударо сарфакорона ба кор бурда, дегхонаву шабакаҳои гармидиҳиро пурра аз таъмир бароварданд. Инчунин қубурҳои оби кӯчаҳоро низ аз таъмир баровард, ба мавсим омода намуданд.

**Дар сурат:** коргарон **Ҳасан Холов** ва **Ҳасан Меҳтӯллоев** ҳангоми кор.

**Аксбардор: Т.НОРҚУЛОВ. (ӮзА).**

# Вохӯрии шанхайии прокурорҳо

Имрӯзҳо дар тамоми ҷаҳон ҷиноятҳое, ки ба поймол кардани ҳуқуқу озодии инсон нигаронда шуданд, аз ҷумла, зуҳуроти мухталифи терроризм нисбати онҳо такмилдиҳии низоми ҷазодиҳиро тақозо мекунад. Якҷоя мубориза бурдан бар зидди ин офат, ки барои тамоми инсоният хавф меандозад, вазифаи муҳими ҳамаи қувваҳои сулҳхоҳ мебошад. Вохӯрии намояндагони прокуратураҳои кулли давлатҳои аъзои Ташкилоти ҳамкории Шанхай, ки ҳафтаи гузашта дар шаҳри Шанхайи Чин ба амал омад, маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуд.

—Дар тадбир дар вазъияти имрӯзаи минтақа самтҳои истиқболноки васеъ гардондани ҳамкории мамлакатҳоямон дар соҳаи ҳуқуқ муайян шуданд, — гуфт ба хабарнигори ӮзА ҷонишини Прокурори кулли Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Б.Деҳқонов.—Аз ҷумла, масъалаҳои такмилдиҳии механизми ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди терроризми байналхалқӣ, экстремизм, гузарондани ғайриқонунии воситаҳои нашъамандӣ, инчунин дигар зуҳуроти ҷиноятҳои трансмиллӣ муҳокима шуданд. Баробари ин дар масъалаҳои баланд бардоштани малакаи кормандони мақомоти прокуратура, мубодилаи ахбор дар соҳаи таҷрибаи эҷобии корӣ аҳду паймон шуд.

Дар изҳороти муштараки дар охири мулоқот ба имзорасидаи Прокуратураҳои кулли Ӯзбекистон, Чин, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон алоҳида қайд шудааст, ки ҳамкорӣ дар соҳаи ҳуқуқ дар шароити глобализатсияи пуршиддат, ба несту нобуд кардани решаи ҷинояти байналхалқӣ, таъмини сулҳу амният дар минтақа хизмат мекунад.

**Н.АБДУРАҲИМОВА,**
**мухбири ӮзА.**

# Демократия, ҷамъияти шаҳрвандӣ ва хизмат ба Ватан

Дар тадбири маънавию маърифӣ, ки дар яке аз қисмҳои ҳарбии Тошканд Шӯрои ҷумҳурии «Маънавият ва маърифат», Кумитаи занони мамлакат ва вазорати дифоъ гузаронд, диққати асосӣ ба тавзеҳи мазмуни маърӯзаи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлис даъвати якум нигаронда шуд.

Дар ҷамъияти демократӣ армия чӣ хел бояд бошад?

Таъмини осоиши мамлакат, ривоҷу равнақи Ватан, ҳаёти фаровон ба дараҷаи маънавию маърифии сарбозон бевосита алоқаманд аст.

Ин масъалаҳо дар маърӯзаҳои «Демократия—ҷамъияти шаҳрвандӣ», «Армия ва ислоҳот», «Мавзӯи ватанпарварӣ дар асарҳои Навоӣ», « Ҳифзи Ватан, адабиёт ва матбуот» васеъ равшан карда шуданд.

Қарор шуд, ки дар дигар қисмҳои ҳарбии минтақаҳои гуногуни мамлакат ин зумра тадбирҳо, ки ба барномаи комиссияи дар назди Шӯрои «Маънавият ва маърифат» ва кумитаи ҷумҳурии занон амалкунанда оид ба таҳкими интизом дар қисмҳои ҳарбӣ, ташаккулдиҳии муҳити солими маънавӣ дохил шудааст, гузаронда шавад.

Дар тадбир ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, раиси Кумитаи ҷумҳурии занон Д.Ғуломова нутқ эрод кард.

# Бахшида ба иҷрои фармон

**Чанде пеш Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи созмон додани Бунёди рушди варзиши бачагонаи Ӯзбекистон» ва қарори Девони Вазирон оид ба таъмини иҷрои ин ҳуҷҷат чоп шуд.**

**Дар маркази миллии матбуот бахшида ба моҳият, аҳамият ва мақсадҳои ин ду ҳуҷҷат нишасти матбуотӣ ба амал омад.**

—Дар Фармон дар ҷумҳурӣ боз ҳам ривоҷ додани варзиши бачагона, фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои шуғл варзидан бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар гӯшаву канори мухталиф барин масъалаҳои муҳим акси худро ёфтаанд,—мегӯяд раиси Кумитаи давлатӣ оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш Баҳодир Махситов.—Ин, пеш аз ҳама, ба зиммаи мо дар тамоми шаҳрҳо ва деҳаҳо, хусусан дар деҳаҳои дурдаст таъмир кардани иншоотҳои варзишии мавҷуда ва сохтани маҷмӯъҳои нави варзиширо мегузорад. Дар маҳалҳо ба кадом намуди варзиш шавқу завқ доштани бачаҳо, дархости онҳоро ба назар гирифта, маҷмӯъҳои варзишӣ бунёд намудан лозим, ки бояд ба талаботи замон пурра ҷавоб диҳад.

Президенти Кумитаи миллии олимпии Ӯзбекистон Собир Рӯзиев дар конфронс нутқ эрод намуда, қайд кард, ки фармони мазкур дар рушди варзиши оммавӣ, дар тарбия намудани бачагони аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим, инчунин барои он ки дар оянда онҳо варзишгарони номдор гарданд, аҳамияти муҳим дорад. Аз ин рӯ низ ҳар як шаҳрванд дар таъмини иҷрои ҳуҷҷати мазкур бояд ҳисса гузорад.

**Зоҳир ТОШХӮҶАЕВ,**
**мухбири ӮзА.**




# Аз молҳои хориҷа монданӣ надорад



Қариб як моҳ аст, ки дар растаҳои «Ӯзкӯргазмасавдо» ярмаркаи доимо амалкунанда фаъолият дорад. Дар вай молҳои истеъмоли халқии дар корхонаҳои мамлакатамон истеҳсолшуда ба харидорон пешкаш шудааст. Қайд кардан ҷоиз аст, ки маҳсулоти дар ин ҷо пешбаришуда аз маҳсулоти хориҷӣ монданӣ надорад.

**Дар суратҳо: 1.** Молшинос **Кобул Аҳмадҷонов** бо маҳсулоти корхона. **2. Ашот Осипов** маҳсулоти корхонаи муштараки «ПУЛС-БАХ»-и Ӯзбекистону Амрикоро пешкаш мекунад.

**Аксбардор: В.ПОРТНОВ.**

